# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

**18 майи соли 2022 Чоршанбе № 40 (14845)**

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ТАРТИБИ ГУЗОШТАНИ МАҲСУЛОТИ МАҲАЛЛӢ БА БИРЖА СОДА КАРДА МЕШАВАД

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 17 май ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои афзоиши ҳаҷми савдо дар биржаи молу ашё ва вусъат додани иштироки корхонаҳои маҳаллӣ дар он баргузор гардид.**

Биржа пойгоҳи иқтисодиёти бозаргонӣ аст. Савдо дар биржа рақобати озодро ба вуҷуд оварда, бозорҳои навро барои соҳибкорон мекушояд, ба коҳиш ёфтани «иқтисодиёти соя» ва коррупсия мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи ислоҳот табодули амвол дар бозори молу ашёи мамлакат дар се соли охир ду маротиба афзуда, ба 90 триллион сӯм расид, ҳаҷми амволи фурӯхта 3 баробар зиёд гардид.

Ғайр аз ин дар мамлакатҳои хориҷӣ 20 майдони савдои Биржаи молу ашёи ҷумҳурӣ ба вуҷуд оварда шуда, аз тариқи онҳо дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ ба миқдори 170 миллион доллар маҳсулот ба фурӯш расид. Ҳамзамон беш аз 1,2 ҳазор ширкати хориҷӣ гузоштани ҳаҷми зиёди маҳсулотро ба Биржаи Ӯзбекистон оғоз намуд.

Дар гузашта дар савдо теъдоди зиёди миёнаравҳо иштирок кардаанд. Соли гузашта корхонаҳои калон барилова 8 триллион сӯм ба туфайли савдои шаффоф дар биржа даромад намуд.

Аммо ҳанӯз дар ташкили савдои биржа, васеъ намудани иштироки соҳибкорони маҳаллӣ камбудиҳо вуҷуд доранд.

Барои мисол, 85 фоизи савдои биржа ба ҳиссаи 45 намуди амволи кифояташ баланд рост меояд. Саҳми маҳсулоти бофандагӣ, шоҳӣ, чарм ва кабел, корхонаҳои вилоятҳои Сирдарё, Андиҷон ва Сурхондарё дар савдои биржа ҳанӯз кам аст.

Бинобар ин роҳбари давлат ба ногузирии фаъолсозии иштироки ноҳияҳо дар гузоштани маҳсулоти маҳаллӣ ба биржа ишора намуд.

Барои мисол, аз 1 июл гузоштани 500 ҳазор тонна ғалладона ба биржа оғоз меёбад. Дар ҷамъомад бобати ташкили ин ҷараён, сабти ном намудани фермерон ва боркашҳо, ба вуҷуд овардани шароити муносиб барои онҳо супоришҳо дода шуд.

Аз он ҷумла, ҳангоми ба биржа гузоштани ғалладона аз фермерон гарав тақозо намегардад. Пардохти моли фурӯхташуда аз ҷониби биржа худи ҳамон рӯз ба амал оварда мешавад. Биржа барои сари вақт ва пурра ворид гардидани пардохт барои фермер замонат медиҳад.

– Ин барои вусъат додани иштироки ноҳияҳо дар биржа имконоти хуб аст, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Имрӯз беш аз 45 ҳазор корхонаи саноатии маҳаллӣ фақат 3,6 ҳазораш маҳсулоти худро дар биржа мегузорад. Ин албатта хеле кам аст.

Бинобар ин тартиби гузоштани маҳсулоти маҳаллӣ ба биржа сода гардонда мешавад.

Аз ҷумла, аз 1 июл дар биржа шуъбаи алоҳидаи амволи истиқболнок ташкил карда мешавад, ки дар он соҳибкорони маҳаллӣ маҳсулоти худро бидуни ҳуҷҷатҳои иловагӣ метавонанд ба фурӯш расонанд. Пас аз он молҳои харидоргир дар майдонҳои асосии савдои биржа ҷойгир карда мешаванд. Тартиби сабти номи соҳибкорон ҳамзамон бо сабти номи давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Боз як муносибии ин кор – ба ду баробар кам намудани комиссияҳои биржа барои маҳсулоти соҳибкорони маҳаллӣ мебошад. Зимни назорати андоз санҷиши иловагӣ дар бобати амволе, ки аз тариқи биржа аз ҷониби соҳибкорон фурӯхта ва ё харида мешаванд, баргузор намегардад.

Таъкид шуд, ки аз чунин имконот истифода намуда, гардишро дар биржа ду баробар афзудан мумкин аст. Аз ҷумла, ба захираҳои зиёд дар саноати кимё, нафту газ, металлургия, бофандагӣ ва хӯрокворӣ ишора гардид.

Ба афзоиши ҳаҷми савдои содироту воридот дар биржа эътибори алоҳида нигаронда шуд. Чораҳо доир ба сода намудани тартиби мазкур муайян гардиданд.

Дар ҷамъомад чандин вазифа доири мадад ба соҳибкороне, ки дар савдои биржа иштирок кардан мехоҳанд, инчунин ба тарбияи мутахассисон дар ин соҳа гузошта шуд. Роҳбарони соҳаҳо ва минтақаҳо дар бораи нақшаи вусъат додани савдои биржа гузориш доданд.

**ЎзА.**

# РОҲБАРОНИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ ДУҶОНИБА ВА МИНТАҚАРО МУҲОКИМА НАМУДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 17 май бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев суҳбати телефонӣ анҷом дод.***

Роҳбари давлат Президенти Қазоқистонро бо зодрӯзаш самимона табрик намуда, ба ӯ тандурустии мустаҳкам, фараҳмандӣ ва муваффақият, сулҳ ва шукуфоиро ба мамлакати бародар самимона таманно намуд.

Бо қаноатмандии том рушди тадриҷии муносиботи дӯстона, некҳамсоягӣ, шарикии стратегӣ ва иттифоқии Ӯзбекистону Қазоқистон таъкид гардид.

Аз аввали сол нишондодҳои савдои ҳамдигар босубот меафзояд. Дар ҳамин рӯзҳо алоқаи мусофиркашони роҳи оҳани байни мамлакатҳоямон барқарор гардид.

Натиҷаҳои амалии мулоқотҳои барпогардидаи байни ҳайатҳои ҳукуматии Ӯзбекистон ва Қазоқистон олӣ арзёбӣ гардид. Аҳамияти тезондани омодагӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ зикр шуд.

Роҳбарони ду мамлакат инчунин дар заминаи масъалаҳои муҳими мавзуоти байналхалқӣ ва вусъат бахшидани ҳамкории минтақавӣ табодули афкор намуданд.

**ЎзА.**



*Дар Қасри эҷоди ҷавонони пойтахт чорабинӣ бахшида ба тақдирсозии давраи ҷумҳуриявии озмуни «Беҳтарин тарғиботчӣ оиди масъалаҳои эҷодию маданӣ» баргузор гардид.*

*Давраи ҷамъбастии озмуни мазкур, ки аз ҷониби Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ тахти ҳамдастӣ бо Вазорати таълими халқ, Иттиҳоди нависандагон, Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон рӯи кор омад, имконият фароҳам овард, ки фаъолияти фидоиёни соҳаи маънавият ҳартарафа омӯхта ва таҳлил карда шавад.*

*Дар давраи ҷумҳурӣ 28 нафар ғолибони давраи ҳудудии саракунӣ донишу маҳорати хешро намоиш доданд. Ғолибони озмун аз рӯи ҳашт номгӯй тақдиронида шуданд.*

***Суратгир: Н.ҲАЙДАРОВ (ЎзА).***

# ҚАБУЛИ САЙЁРИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТ

***Рӯзи шанбеи гузашта дар боғи истироҳати роҳиоҳанчиёни шаҳри Когон қабули сайёри оммавии навбатии ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов ба амал омад.***

Дар он роҳбарони секторҳо, садоратҳо, ташкилоту корхонаҳои вилоят низ иштирок карданд.

Дар давоми қабул қариб 300 нафар корафтодагон нафақат аз шаҳри Когон, балки аз дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ омада, бо масъалаҳои гуногуни худ аз қабили корёбӣ, соҳиби хонаю ҷой шудан, гирифтани ёрии моддӣ, ҳифзи саломатӣ, рӯёварӣ ба соҳибкорӣ, беҳтаршавии таъминоти барқ, гази табиӣ, оби тозаи нӯшиданӣ, таъмири роҳ ва ғайра муроҷиат карданд. Дар ҷараёни қабул як қисми ин масъалаҳо фавран ҳал гардида, қисми дигаре ба назорат гирифта шуданд. Зумрае аз талабҳо шарҳи қонунӣ ёфтанд. Ҳаллу фасли бархе аз онҳо ба мутасаддиёни дахлдор ҳавола гардиданд.

Бояд таъкид намуд, ки 100 нафар муроҷиаткунандагонро шахсан худи ҳокими вилоят қабул кард.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ЧОРАҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ПАҲНШАВИИ БАЪЗЕ ИНФЕКСИЯҲОИ ВИРУСИ ФАЪОЛ

Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои дар доираи мулоқоти кушоди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо намояндагони соҳаи тандурустӣ дар мавзӯи **«Ислоҳот дар соҳаи тиб – ба хотири шаъни инсон»**, ки 18 марти соли 2022 баргузор гардид, инчунин пурзӯр намудани корҳо оид ба муқовимат ба паҳншавии баъзе сироятҳои вирусии фаъол:

**1. Самтҳои асосии** такмили минбаъда ва вусъат додани ёрии тиббию иҷтимоӣ ба аҳолӣ барои пешгирӣ, ташхис ва табобати саривақтии баъзе сироятҳои вирусӣ инҳо муайян карда шаванд:

**вусъати фарогирии муоинаи скринингӣ** барои барвақт ошкор намудани гепатити вирусии навъҳои «В» ва «С» ва **табобати беморихо дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ**;

фарогирии пурраи шахсони дорои хавфи баланди сироятёбӣ, аз ҷумла **кормандони соҳаи тиб**, ки бо хун ва ҷузъҳои он, бо ваксинаи **гепатити В** кор мекунанд;

**ба воситаҳои доруворӣ бепул таъмин намудани** беморone, ки дар ҷараёни табобат дар онҳо ҳангоми тадқиқотҳои скринингӣ вируси гепатити «С» ошкор карда шуданд;

**давра ба давра пурра ба маводи истеъмолӣ** (реактивҳо ва маҷмӯаҳои санҷишӣ) **таъмин намудан** барои ошкор намудани сироятҳои вирусӣ дар марҳилаи аввалияи низоми тандурустӣ;

дар тамоми муассисаҳои тиббию профилактикӣ, хадамоти санитарию эпидемиологӣ ва созмонҳои тиббии ғайридавлатӣ **таъсис ва пешбурди феҳристи ягонаи электронии бемориҳои музмини вирусии ҷигар**;

**такмил додани назорати беxатарӣ, сифат ва самаранокии ваксинаҳо**, маҷмӯъҳои санҷишӣ ва доруҳои зидди вирусӣ;

**гузарондани тадқиқоти илмӣ** оид ба мушкилоти сирояти вирусҳо, **ҷорӣ намудани системаи автоматиконидашудаи** назорати касалиҳо;

ташкили **корҳои ҳамаҷонибаи тавзеҳотӣ**, иттилоотию тарғиботӣ **дар байни аҳолӣ** оиди чорабиниҳои пешгирии сирояти инфексияи вирусӣ.

2. Ба эътибор гирифта шавад, ки тибқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 25 апрели соли 2022 № ҚП-215 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба наздик кардани ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии тиббӣ» аз 1 июни соли 2022 **таҷрибаи эмгузаронии ройгони зидди гепатити "В"** барои кормандони муассисаҳои давлатии тиббии бевосита бо хун коркунанда **ҷорӣ карда мешавад**.

3. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

**Барномаи такмили чораҳо оид ба муқовимат ба паҳншавии баъзе сироятҳои вирусии таъҷилӣ барои солҳои 2022-2025** (минбаъд – Барнома) мутобиқи замимаи № 1;

**Нишондиҳандаҳо оид ба эмгузаронии кормандони тиббӣ** дар низоми давлатии нигаҳдории тандурустӣ **аз гепатити «В»** дар асоси дастури эпидемиологӣ барои солҳои 2022-2023 тибқи замимаи № 2.

4. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

**аз 1 июли соли 2022 сар карда шумораи солонаи муоинаи скринингии аҳолии ҷумҳурӣ оид ба намудҳои гепатити вирусии «В» ва «С» ба 1 миллион нафар, шумораи муоинаи реаксияи занҷири полимеразӣ (ПСР) — то 15 ҳазор** нафар, табобати беморони гепатити вирусии навъи «С» — **то 10,5 ҳазор** нафар зиёд карда мешавад;

**аз 1 сентябри соли 2022** нисбат ба шахсоне, ки қонунвайронкунии дар моддаи 190 Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ пешбинишударо содир намудаанд, дар баробари муайян кардани ҷавобгарӣ тартиби гузаронидани муоинаи скринингӣ оид ба намудҳои гепатити "В" ва "С" ҷорӣ карда мешавад.

5. Вазорати тандурустӣ (Б.Мусаев):

**то 1 ноябри соли 2022** аз ҷониби ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «IT-Med» тахти муассисии Вазорати тандурустӣ таҳия карда шудани Феҳристи ягонаи электронии бемориҳои музмини вирусии ҷигар (минбаъд – Феҳрист), инчунин минбаъд – дастгирии техникӣ ва нармафзори онро таъмин намояд;

**то 1 январи соли 2023** пешбурди Реестри муассисаҳои тиббию профилактикӣ, хадамоти санитарию эпидемиологӣ, инчунин дар ҳама ташкилотҳои тиббӣ, новобаста аз шакли моликият, ки кормандони бо хун ва ҷузъҳои он коркунанда доранд, ва ҳамгироии мутақобилаи онҳоро ба роҳ монад;

**аз 1 июли соли 2022** сар карда дар Пажӯҳишгоҳи вирусология ва муассисаҳои дахлдори аз ҷониби Вазорати тандурустӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Навоӣ, Бухоро, Қашқадарё, Сурхондарё, Ҷиззах ва Сирдарё муайянкардашаванда таъсис додани бонки плазмаи хуни шахсон (донорҳо), ки пас аз табларзаи геморрагии Конго-Қрим шифо ёфтаанд, таъмин намояд;

стандартҳои ташхис ва табобати касалиҳои сирояткунанда, аз ҷумла гепатити музмини вирусӣ дар муассисаҳои табобатӣ ва ташкилотҳои тиббии ғайридавлатӣ такмил дода, назорат аз болои риояи онҳо пурзӯр карда шавад.

6. Муқаррар карда шавад, ки:

**аз 1 июли соли 2022** ташкилотҳои тиббии ғайридавлатӣ эмгузаронии кормандони худро, ки бо хун ва ҷузъҳои он кор мекунанд, бар зидди сирояти гепатити "В", инчунин мунтазам ворид намудани маълумот дар бораи ин ба Феҳрист аз лаҳзаи фаъолияти Феҳрист таъмин мекунад. Дар баробари ин эмгузаронии коргарони эмнашуда аз ҳисоби ташкилотҳои тиббӣ дар ҷои кори асосии онҳо гузаронда мешавад;

**аз 1 январи соли 2024** сар карда дар ташкилотҳои тиббии ғайридавлатӣ мавҷуд будани эмгузаронии кормандон, ки бо хун ва ҷузъҳои он кор мекунанд, бар зидди сирояти гепатити "В", инчунин бо тартиби муқаррargardида пеш бурдани Реестр яке аз талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳии фаъолияти тиббӣ мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Фикри депутат*

# ФЕРМЕР ВА КЛАСТЕРОН СОҲИБИ ҲАҚИҚИИ ГАНДУМ МЕШАВАНД

***Халқамон ва давлати мо пойгоҳи Ӯзбекистони Навро бо суръати баланд бунёд менамоянд. Ҳамаи самт ва соҳаҳо дар асоси тамоюли «Барои қадри инсон», ки аз ҷониби Президентамон пеш бурда мешавад, аз нав ислоҳ мегардад.***

Ӯзбекистони Нав пеш аз ҳама, муносибатҳои нави иқтисодӣ ва ҷаҳонбинии нави иқтисодӣ мебошад. Аз ин сабаб, сохтори иқтисодии мамлакатамон пурра аз нав бунёд гардида, механизмҳои бозаргонӣ бо танзим ба амал татбиқ мегарданд.

Ба хусус, солҳои охир дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ муносибати хоси иқтисодиёти бозаргонӣ ва ҷорӣ кардани механизмҳои рағбатноксозии моддӣ оғоз шуд. Мақсади асосӣ аз тағйиротҳои умумӣ ва мунтазами сектори аграрӣ афзоиши самаранокии соҳа ва таъмини фаровонии дастархонамон мебошад.

11 майи соли ҷорӣ аз тарафи Президент баргузор шудани ҷамъомад бахшида ба самти муҳими ғаллакорӣ низ эътибори доимӣ нисбати ислоҳоти соҳаи мазкурро нишон медиҳад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои муҳими таъмини манфиатдории фермерон, туфайли баланд бардоштани ҳосилнокӣ зиёд гардондани таклифҳо дар бозор муҳокима гардида, баробари натиҷаҳои мусбии дастрасгардида камбудиҳо низ рӯйирост ба забон гирифта шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ОЛМОН БАРОИ ХУД САНОАТИ БОФАНДАГИИ ӮЗБЕКИСТОНРО КАШФ МЕНАМОЯД

***Дар Франкфурти соҳили Майн (ҶФО) ҳайати намояндагии чанд ширкати бофандагии Ӯзбекистон бо сафари корӣ ҳузур дорад.***

Дар доираи сафар вохӯриҳои корӣ бо брендҳои бузурги олмонию аврупоӣ пешбинӣ шудааст.

Соҳибкорони ӯзбекистонӣ бо менеҷерони яке аз ширкатҳои бузурги мӯди олмонӣ – «S.Oliver Brend Freier GmbH&Co.KG», ки соли 1969 таъсис ёфтааасту ба истеҳсоли либос, пойафзор, лавозимот ва атриёт ихтисосонида шудааст, оиди роҳандозии ҳамкорӣ ва хариди маҳсулот мулоқот оростанд. Дар ин ширкат гардиши солона беш аз 1,5 миллиард евроро ташкил медиҳад. Аз ҷониби Олмон иқтидори соҳаи саноати бофандагии Ӯзбекистон, аз он ҷумла, дастовардҳои саноати дӯзандагию трикотажи ватанӣ ва чорабиниҳое, ки оиди рушди низоми кластер андешида мешаванд, муаррифӣ карда шуд.

Дар доираи вохӯрӣ намояндагони корхонаҳои «Бахт текстил» ва «Хаҷтекс кластер» низ бо кормандони «S.Oliver Brend Freier GmbH&Co.KG» оиди роҳандозии ҳамкорӣ ва ҷобаҷокунии фармоишҳои ширкати олмонӣ ба маҳсулоти дӯзандагӣ тахти бренди «S.Oliver» дар Ӯзбекистон гуфтушуниди тиҷоратӣ бургузор намуданд.

Ҷониби намояндагии Олмон ислоҳотеро, ки дар Ӯзбекистон дар соҳаи саноати бофандагӣ татбиқ мегарданд ва чорабиниҳоеро, ки оиди либерализатсияи иқтсодиёт андешида мешаванд, баланд арзёбӣ кард. Қайд гардид, ки бекор кардани бойкоти байналхалқии пахтаи Ӯзбекистон ва ба вуҷуд оварда шудани шароити мусоиди тиҷоратӣ дар мамлакат ба рӯйи ширкатҳои олмонию аврупоӣ дари имкониятҳои васеъро боз карданд. Аз ҳама муҳимаш барои ҳамкорӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Кадрҳои соҳибихтисоси ҷавон, ашёи хоми баландсифат, харҷи иқтисодии кам, маблағгузорони хориҷиро дастгирӣ кардани давлат дар нумуди андозҳои гуногун ва дигар имкониятҳо ба ин мусоидат менамоянд.

Дар поёни вохӯриву мулоқот ҷонибҳо самтҳои асосии ҳамкориро муайян намуданд.

Дар доираи сафар ҳайати Ӯзбекистон, ҳамчунин, вохӯрӣ бо менеҷерони ширкатҳои дигари олмонӣ, аз корхонаҳое, ки дар Олмон дастгоҳҳои бофандагӣ истеҳслол менамоянд, боздид ба амал оварданро ба нақша гирифтааст.

**АИ «Дунё»,**

*БЕРЛИН.*

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ЧОРАҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ПАҲНШАВИИ БАЪЗЕ ИНФЕКСИЯҲОИ ВИРУСИ ФАЪОЛ

(Аввалаш дар саҳ.1).

7. Вазорати рушди инноватсионӣ (И.Абдураҳмонов) дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ (Б.Мусаев) **аз 1 июли соли 2022** сар карда ҳар сол дар асоси озмун ҷудо намудани маблағро барои лоиҳаҳое, ки ба таъмини ҳалли илмии мушкилоти сирояти вирусҳои васеъ паҳншуда нигаронида шудаанд, таъмин намояд.

8. Вазорати тандурустӣ (Б.Мусаев), Вазорати рушди инноватсионӣ (И.Абдураҳмонов), Академияи илмҳо (Б.Юлдошев), Вазорати сармоягузорӣ ва савдои хориҷӣ (А.Воитов) ва Агентии рушди саноати фармасевтӣ (С.Қариев) **то охири соли 2022** ба Девони Вазирон **оид ба маҳаллисозии истеҳсоли** чунин маҳсулот, аз қабили ваксина, доруворӣ ва ташхиси барои пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои вирусӣ зарурӣ пешниҳодҳо тақдим намояд.

9. Муқаррар карда шавад, ки маблағгузорӣ барои хариди воситаҳои озмоишӣ, маводҳои ташхисӣ ва масрафӣ барои муассисаҳои тиббию профилактии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ сурат мегирад.

10. Девони Вазирон ҳамоҳангсозии самарабахши фаъолият ва ҳамкории вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва дигар ташкилотҳоро ҷиҳати сари вақт ва босифат ба амал баровардани тадбирҳои пешбининамудаи қарори мазкур, инчунин муҳокимаи ҳамасолаи ин масъаларо дар маҷлисҳои комиссияи ҷумҳуриявии зидди эпидемиологии фавқулодда таъмин намояд.

11. Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, Вазорати дастгирии маҳалла ва калонсолон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ **дар маҳалҳо корҳои васеи тавзеҳотӣ, иттилоотию тарғиботиро оид ба масъалаҳои паҳншавии инфексияи вирус пурзўр гардонанд**.

12. Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ, Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон якҷоя бо Вазорати тандурустӣ мунтазам ва васеъ равшан намудани масъалаҳои мубрами мубориза бар зидди сироятҳои вирусӣ дар байни аҳолиро бо **ташкили мақолаҳои мавзўӣ, силсилаи барномаҳои телевизион ва радиошунавонӣ** таъмин намоянд.

13. Ба зиммаи вазири тандурустӣ **Б. А. Мусоев** ва сардори Хидмати беҳдошти санитарию эпидемиологӣ ва саломатии аҳолӣ **Б. Қ. Юсупалиев** масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои қарори мазкур гузошта шавад.

Мутобиқсозӣ ва назорати фаъолияти идораҳои барои иҷрои қарори мазкур масъул ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н. Арипов ва муовини аввали мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Л. Н. Тўйчиев гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*16 майи соли 2022.*



*Дар амфитеатри ноҳияи Бўзатови Қароқалпоқистон маросими тақдирсозии ғолибони давраи ҷумҳуриявии «Ёшлар овози» таҳти шиори «Бўзатов иқтидорҳоро кашф менамояд!» баргузор гардид.*

*Дар чорабинӣ, ки аз ҷониби Агентии кор бо ҷавонон дар ҳамдастӣ бо як қатор ташкилотҳо рўйи кор омад, 152 нафар ғолибони давраҳои ҳудудӣ қувва санҷиданд. Дар номгўйҳои сарояндагии бахшигӣ, иҷрои анъанавӣ, овозхонии опера ва эстрада ҷавонон дар тоифаи синфҳои 10-15, 16-22, 23-30 маҳорат нишон доданд.*

*Дар маросими мукофотсупорӣ ба ҷавонон санъаткорони шинохта ва истеъдодҳои ҷавон аз Ўзбекистон ва Қароқалпоқистон барномаи консертӣ намоиш доданд.*

***Дар сурат:*** *намое аз чорабинӣ.*

***Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

*Дарси боғдорӣ*

# ҲОЛАТИ ҲОЗИРАИ АЗНАВКОРКАРДИ МЕВАЮ САБЗАВОТ

***Маълум аст, ки дар давраи пеш аз истиқлолият анборҳои махсус танҳо барои маҳсулоти кишоварзӣ, пахтаю ғалла ташкил карда шуда буд, ки онҳо низ кўҳна шудаанд.***

Пўшида нест, ки дар кишвари мо ба рушди токпарварӣ ва зироати полизӣ эътибори калон дода, дар ин самт қарзҳои бонкӣ ва субсидҳо ҷудо карда мешавад. Дар ин бобат аз тарафи давлатамон чанд сол боз нақшаҳо на танҳо ба такрористеҳсолкунӣ, балки барои нигоҳ доштан ва ба истеъмолкунандагон расонидани маҳсулоти боғу токпарварӣ ва зироати полизӣ низ тартиб дода, тасдиқ карда шудаанд. Корҳоро вазоратҳои дахлдор, иттиҳодияҳо, Шўрои хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ ва соҳибони замини наздиҳавлӣ зери назорат гирифтаанд.

То имрўз дар минтақаҳои кишварамон беш аз 300 корхонаи азнавкоркард (ба навъҳо ҷудокунӣ, тозакунӣ, хушккунӣ, брикеткунӣ) амал карда, маҳсулотро содир мекунанд.

Ба истеъмолкунандагон расондани маҳсулоти ток, боғ ва зироати полизӣ, ки бисёр меҳнат талаб мекунад ва зуд талаф меёбад, ҳамчун масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Зеро, корхонаҳои мавҷудаи азнавкоркард ҳатто 20 фоизи маҳсулоти дохилиро аз нав кор карда намебароянд ва кори амалиро давом додан лозим аст, то ки сифати он ба талаботи имрўза пурра ҷавоб диҳад.

Дар корхонаҳои азнавкоркарди ҳозира ва сохташаванда корҳо оиди ба навъҳо ҷудо кардан, хушк кардан ва брикетдорӣ мувофиқи амалиёти ҷаҳонӣ ташкил карда шавад, мувофиқи мақсад мебуд.

Дар корхонаҳои азнавкоркарди кишварамон асосан аз усули шамолкунии фаъол (бо ёрии калориферҳо), хушккунӣ бо ёрии гармӣ, яхкунонӣ ва брикеткунӣ истифода бурда мешавад. Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки бо ин усул аз нав кор карда шудаанд, агарчӣ 40 фоизи микроэлементҳо ва витаминҳои фоиданокро гум карда бошад ҳам ба истеъмолкунандагон бидуни вайрон карданӣ сифат расонда мешавад. Дар амалиёти ҷаҳонӣ усулҳои машҳури ба муддати дароз нигоҳ доштани маҳсулоти азнавкоркарди кишварамон кор карда баромада шудаанд, ки онҳоро фақат дар чанд кишвар медонанд ва муҳлати нигоҳдории он мувофиқи талаб то 25 сол мебошад. Ин усул тавассути гирифтани то 100 фоиз намии маҳсулоти кишоварзӣ бо истифода аз якчанд намуди яхдон амалӣ мешавад ва талаботи хеле зиёди содиротӣ дорад, зеро маҳсулоти коркардшуда то 100 фоиз модда ва витаминҳои ба организми инсон зарурӣро нигоҳ медорад.

Дар ҷумҳурӣ теъдоди ками чунин корхонаҳои азнавкоркард фаъолият доранд ва бунёди 10 корхонаи нави калон ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин маврид мутахассисони баркамол ва дар хориҷа таҷрибаандўхтаи кишварамон бо сармоягузорон ба корҳои ташкилӣ шурўъ кардаанд.

**З.ФАЙЗУЛЛОЕВ,**
**сармутахассиси Шўрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва соҳибони замини наздиҳавлии Ўзбекистон.**

# ФЕРМЕР ВА КЛАСТЕРОН СОҲИБИ ҲАҚИҚИИ ГАНДУМ МЕШАВАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Гуфта шуд, ки ҳам ба ғаллакорон ва ҳам ба корхонаҳои азнавкоркард сохтори кўҳнаи ҳолоинаи корхонаҳои ғаллаи давлат самараи хуб набахшид. Таъкид гардид, ки муддати дар истеҳсоли ғалладона зина ба зина бекор кардани супориши давлат ва ба вуҷуд овардани бозори ҳақиқии ғалла, ки халқи Ўзбекистон ва фермеру деҳқонон дер боз интизор буданд, расидааст.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки дар ҳолати ҳаллу фасл гардондани корҳои ташкилии зарурӣ аз 1 июн дар хариду фурўши гандум аз тарафи давлат ба нархҳои бозоргонӣ гузашта мешавад. Ин навигарие мебошад, ки ғаллакоронро хушнуд ва рўҳбаланд кардааст. Чунки агар ғалла дар савдои биржа дар нархҳои озод фурўхта шавад, даромади фермерон зиёд мегардад.

Аз бекор дониста шудани супоришоти давлат ва ҷорӣ гардидани механизмҳои пурраи бозаргонӣ деҳқонон манфиатдор мебошанд. Агар онҳо муносиби меҳнат музд гиранд саъю ҳаракат ва майлу рағбаташон ба ғаллапарварӣ пурзўр мегардад. Имконияти хариди техникаҳои хоҷагии қишлоқ ва технологияҳои пешқадам васеъ мегардад. Пурзўр гардидани манфиатнокии соҳибони замин имкони афзоиши ҳосилнокӣ ва беҳшавии ҳолати заминро медиҳад. Баробари ҳамин, содироти ғалла кам гардида, валюта сарфа мешавад.

Бо нархҳои озод фурўхта шудани ғалла орзуи чандинсолаи деҳқонон буд. Ҳоло аз тарафи давлат ба фермерон ва деҳқонон барои ба савдои биржа баровардани ғаллаи рўёнидашуда ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.

Нархи як тонна гандум, ки барои захираи давлат харид карда мешуд, аз 1 миллиону 550 ҳазор сўми соли гузашта барои ҳосили соли ҷорӣ 3 миллион сўм, яъне ба ду баробар зиёд гардид.

Хурсандиовар аст, ки 500 ҳазор тонна гандуме, ки ба ихтиёри фермерон мемонад, муддате дар корхонаҳои донӣ нигоҳ дошта шуда, бори аввал аз 1-уми июл аз тарафи худи фермер ва кластерон дар нархи бозор ба савдои биржа бароварда мешавад. Дар ин ҷо хароҷоти 500 тонна донро муваққатан нигоҳ доштани корхонаҳои донӣ аз тарафи давлат пардохта мешавад.

Тавре ки дар ҷамъомад таъкид гардид, соҳиби ҳақиқии гандум фермер ва кластерҳо мебошанд. Аз ин сабаб, пас аз ин бо баҳонаи иҷро нагардидани нақша ё ки зарур будани хўрок барои чорво, парранда ва моҳипарварӣ аз дасти фермерон кашида гирифтани гандум дар ноҳияҳо қатъиян манъ карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш, ба гандуме, ки тариқи биржа фурўхта шудааст, байни ҳудудҳо маҳдудият гузошта намешавад.

Халқамон мақоле дорад: «Аз они як – ба ҳазор, аз они ҳазор – ба ҳама». Агар фермер бой бошад, давлат низ бой мешавад. Имрўз ба туфайли имтиёзҳое, ки ба фермерон дода шудааст, деҳқонон супоришотро мунтазир намешаванд. Чиро, кадом вақт коштан ва чӣ гуна парвариш карданро худи деҳқонон хуб медонанд ва дар ҳамин асос кор мебаранд.

Бо як сухан ифода намоем, барои ба зинаи нав бардоштани ислоҳоти ба баланд бардоштани рақобатнокии соҳаи хўроквори, хоҷагии қишлоқ нигаронидашуда ва таъмини устувории нархҳои бозори дохилӣ корҳои зиёд амалӣ мешаванд.

Тағйиротҳое, ки бо ташаббуси Президентамон дар соҳаи ғаллакорӣ амалӣ мегардад, барои ба кор андохтани имкониятҳои нав, баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати кор ва таъмини бехатарии хўрокворӣ имконияттҳои васеъ фароҳам меоварад.

**Актам ҲАИТОВ,**
**ҷонишини Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ЎЗБЕКИСТОН ҲАМКОРИҲОЯШРО ДАР ТУРИЗМ ВАСЕЪ МЕКУНАД

***Дар толори барҳавои меҳмонхонаи «HiltonTashkent City»-и пойтахт Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ дар формати B2B «Tashkent Travel Mart – 2022» ифтитоҳ ёфт, ки таҳти сарпарастии Zero Carbon Fair баргузор шуд. Ин намоишгоҳ дар доираи татбиқи фармони Президент аз 30 апрели соли 2022 “Дар бораи чораҳои иловагии диверсификатсияи хадамоти туризми дохилӣ” роҳандозӣ шудааст.***




Дар он ноиби Сарвазир, вазири сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ Азиз Абдуҳакимов ва вазири сайёҳии Исроил Йоэл Развозов иштирок ва суханронӣ карданд.

— Дар шароити иқтисодӣ бозаргонӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳо ва коркарди равияҳои мухталиф ин намоишгоҳ платформаи махсус арзёбӣ хоҳад шуд, — гуфт А. Абдуҳакимов.

Шакли B2B ба созмонҳои махсус имкон медиҳад, ки дар намоишгоҳ имконоти тиҷоратии худро васеъ кунанд, мушкилоти зиёдеро дар пешбурди тиҷорати худ ҳаллу фасл намоянд ва хидматрасонии сайёҳии кишвари худро тарғибу ташвиқ кунанд. Ў тазаккур дод, ба ибораи дигар “Tashkent Travel Mart-2022” имкони ба роҳ мондани робитаҳои байнисоҳавӣ низ мебошад, ки ба эҷоди маҳсулоти нави сайёҳии баландсифат ва баланд бардоштани сатҳи хидматрасонӣ дар ин соҳа мусоидат хоҳад кард.

– Имсол дар намоишгоҳ намояндагони фаъолтарини созмонҳои сайёҳии Ўзбекистон ва 10 кишвари ҷаҳон ширкат мекунанд. Ба таври дигар гўем, беш аз 90 ширкати дохиливу хориҷӣ намояндагони худро ба ин ҷо фиристодааст, ки дар байни онҳо намояндагони соҳаи сайёҳии Олмон, Утриш, Испания, Исроил, Чехия, Эстония, АМА, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва кишвари мо ҳастанд, – изҳор намуд А. Абдуҳакимов.

Дар замони ҳамлу нақли рақамӣ ва технологияи иттилоотӣ, ки ба соҳаи туризм ба таври васеъ ворид шудаанд, зери назар доштани масъалаи ҷанбаҳои устувори экологӣ низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Он дар ин самт ҳамчун омили муҳими рақобатпазирӣ хидмат хоҳад кард. Маҳз барои ҳамин ин намоишгоҳ таҳти сарпарастии Zero Carbon Fair роҳандозӣ шудааст. Он имкон фароҳам меоварад, ки аз “технологияи сабз”-и мавҷуда ба таври самаранок истифода сурат гирад.

Оммавӣ гардонидани сайёҳии СВТ, ки аллакай дар ҷаҳон шўҳрат пайдо мекунад, омили муҳими афзоиши иқтидори соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки мардуми маҳаллӣ ба он ҷалб гарданд ва аз ҳисоби даромади он зиндагии худро пеш баранд.

Мутахассисони соҳаи сайёҳӣ таъкид намуданд ... — Мутахассисони соҳаи сайёҳӣ тавонистанд натанҳо мушкилоти бамиёномадаро баррасӣ кунанд, балки ба саволҳое посух пайдо намоянд, ки доғи рўз мебошад ва онҳоро ба мушкилот мувоҷеҳ менамояд. Дар ин майдон мулоқотҳои судманд ба вуқўъ мепайванданд ва интизор меравад, ки аз натиҷаи он ҳарду ҷониб манфиат хоҳанд дид.

Ногуфта намонад, ки чунин намоишгоҳ бори аввал соли 2018 баргузор гардидааст, вале ба далели пахши куруно баргузории он то ин муддат мутаваққиф сохта шудааст.

Дар намоишгоҳ барои иштирок намояндагони Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон, Иттиҳодияи сайёҳии тоҷик, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) ва лоиҳаи ЮСАИД оид ба рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат, инчунин мудирони 16 ширкати сайёҳии Тоҷикистон низ даъват шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
**Суратгир: Р.ГАЛЕЕВ.**

***Дирўз дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов бахшида ба 15-уми май «Рўзи байналхалқии оила» таҳти шиори «Оила барои инсон макони муқаддасу бузург аст» фестивал баргузор гардид.***

# ОИЛА БАРОИ ИНСОН МАКОНИ МУҚАДДАС

Дар тадбир омўзгорон, донишҷўён ва ихлосмандони фарҳангу адабиёти бадеӣ иштирок карданд. Дар маросими ифтитоҳии он декани факултет Азамат Пардаев, дотсенти кафедраи экология Танзила Маҷидова ба сухан баромаданд. Сипас, 4 гурўҳи тоҷикии факултети филология аз рўи 3 самт – муқаддима, тайёр намудани таом ва саҳнаҳои бадеӣ иштирок карданд. Аз ҷониби иштирокдорон дар васфи падару модар, фарзанд шеърҳо қироат карда шуд. Саҳнаҳои ҷолиб оиди оила ва оиладорӣ намоиш дода шуд. Аз рўи самти «Духтари чаққон» гурўҳи 109, «Духтари раққоса» гурўҳи 108, «Анъанаи либосҳои миллӣ» гурўҳи 209, «Саҳначаи ҷолиб» гурўҳи 210 ғолибиятро ба даст овард анд. Ба ғолибон аз тарафи донишгоҳ ташаккурнома ва тухфаҳои қимматбаҳо супорида шуд. Тадбир бо рақсу сурудхонӣ хотима ёфт.

**Асалой САРХАТЗОДА,**
**донишҷўйи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ ДАР ХУДИ МАҲАЛЛАҲО

***Дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи Асака воқеъ дар ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт ҷамъ 3125 нафар сокинон аҳлу тифоқ умр ба сар мебаранд, ки дар 1232 хонадон муттаҳид буда, ба миллату халқиятҳои гуногун мансуб мебошанд. Назар ба таъкиди ёрдамчии ҳокими ноҳияи зикршуда Бунёд Раҷабов, шароити зисту зиндагии онҳо ҳарҷониба омўхта ва ба чаҳор тоифа ҷудо карда шудаанд.***

Хусусан, пиронсолони бепарастор ва аҳолии ниёзманд, онҳое, ки ба соҳибкорӣ майл доранд ё ҷўёи шуғл мебошанд, мавриди эътибори доимианд. Ба 28 нафар дар гирифтани воми имтиёзнок кумак расонда шуд. Ба онҳое, ки ҳунармандии миллиро ривоҷ доданианд, 225 миллион сўм ҷудо гашт. 22 нафар ҷавонон ба омўзиши касбу ҳунар фаро гирифта шуданд. Китобхонаи маҳалла, ки ба наздикӣ дари худ боз кард, ба адабиётҳои зарурӣ таъмин. Яке аз биноҳое, ки бекор мехобид, аз таъмир баромад ва ба маркази таълимӣ табдил дода шуд.

Барои он ки ба маълумотҳои реалӣ дар бораи вазъи иҷтимоии аҳолӣ соҳиб шавем, бояд хона-хона гардем, мушкилоти мардум омўхта, ёрии саривақтӣ расонем, мегўяд ёрдамчии ҳоким Б. Раҷабов.

### САЙРГОҲҲОИ БАРҲАВО – ҲУСНИ ПОЙТАХТ

***Сайргоҳҳои нав ва гўшаҳои истироҳатие, ки баъди бозсозӣ намуди замонавӣ мегиранд, дар пойтахт торафт афзуда, ба маркази ҷумҳурӣ файзи дигар бахшида, аҳолиро бештар ба худ ҷалб менамоянд.***

Мавзеъ ва гузарҳое,ки дар гузаштаи наздик харобазорро мемонданд, ҳоло куллан сабзу хуррам ва зебою хушнамуд. Бунёдкориҳо ва офарида шудани шароитҳои ҳарҷониба қулай барои сайр ва дамгирӣ ба фароғаткунандагон рўҳбаландӣ ва кайфияти хуб мебахшанд. Баробари хуррамгардонӣ ба боз ҳам ҷолиби диққат таъмирсозии тарҳи биноҳои бисёрошёна, нақшу нигор дар намуди онҳо эътибори алоҳида нигаронида мешавад. Вақтҳои охир хусусан сайргоҳи Кайҳоннавардон дар ноҳияи Яккасарой, маҳаллаи ба номи Юрий Гагарин дар ноҳияи Чилонзор, Боғи истироҳатии Авиасозҳо дар ноҳияи Яшнобод хеле серодам мебошанд.

### БАҲСИ ОИЛАҲОИ БЕҲТАРИН

***Дар қасри “Туркистон”-и маркази ҷумҳурӣ давраи шаҳрии озмун-азназаргузаронии “Оилаи ибратбахши Ўзбекистони Нав” баргузор гардид.***

Хонадонҳое, ки ҳарҷониба намунавианд ва дар зинаи пештара бо иштироки намояндагони 12 ноҳияи пойтахт аз рўйи шартҳое,ки гузошта шудаанд, ғолиб баромадаанд, бо иҷрои рақсу суруд, намоиши маҳсулоти ҳунарии дастӣ, ки дар онҳо арзишҳои миллию фарҳангиамон муҷассаманд, эътибори ҳозиронро ба худ кашиданд.

Дар чорабиние, ки аз ҷониби Кумитаи оила ва занону духтарон, ҳокимияти шаҳри Тошканд ва идораи шаҳрии кумитае, ки зикр гашт, ғолибон бо диплом ва туҳфаҳои арзишнок тақдиронида шуданд.

### ҒОЛИБОН МУАЙЯН ШУДАНД

***Баҳси ҷавонони қобилиятноки ҷумҳурӣ аз рўйи иҷрогарии миллӣ, асбобҳои халқӣ, санъати тасвирию амалӣ, гўяндагии бахшӣ, хореография, саҳначаҳои театрӣ барин унсурҳои санъат таҳти унвони “Қалб” дуюм даво намуд, ки ба он Вазорати фарҳанг, Иттиҳодияи композиторон ва оҳангсозони ҷумҳурӣ сару бар буд.***

Инак, чорабинӣ ҷамъбаст ва 22 нафар беҳтаринҳо соҳиби “Гран-при” шуданд.

Вақте истеъдод дар вақташ тарбия ёфт ва дуруст сафарбар гашт, он ба ояндаи санъат ва фарҳанги миллӣ заминаи хуб хоҳад гашт, гуфта шуд дар фуроварди чорабинӣ ва таъкид гашт, дар зўрозмоии навбатӣ бо унвони “Қалб” ҷавонони қобилиятнок сидқан ва қалбан маҳорат ва муҳаббати ба санъат доштаашонро намоиш карданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# ФАРЗАНДОНИ БОМАЪРИФАТ – БАХТИ ОИЛА

***Сарвари давлатамон аз рӯзҳои аввали ба вазифаи худ шурӯъ кардан, ба таълим ва тарбияи ҷавонон эътибори алоҳида зоҳир мекунад. Инчунин, баробари баланд бардоштани мақоми омӯзгорон, зина ба зина зиёд кардани маоши муаллимон қарорҳои дахлдор қабул кард, то ҷавонон соҳибони дониши баланд шаванд.***

Ҳар як эроди некбинона ва дурандешонаи сарвари давлат ба ояндаи дурахшони ҷавонони кишварамон нигаронида шудааст.

Ҳоло ман бо рӯзномахонон таҷрибаҳоямро доир ба таълиму тарбияи хуб додан ба фарзандон, сармоя гузоштан барои маълумоти олӣ гирифтани онҳо ва дар оянда меваи ширини онро чашидан баҳам диданиам.

Пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Намангон, дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 1-уми шаҳри Чуст ба мактабиён аз фанни забони русӣ дарс додам.

Барои илмомӯзии фарзандонам аз синни бачагиашон ҳамаи шароитро фароҳам овардам. Кӯшиш намудам, ки ягон дақиқа вақташон беҳуда наравад. Саъю ҳаракати ман натиҷаи дилхоҳ дод. Писари калонӣ Беҳзодҷон ба Донишгоҳи муҳандисию технологии Намангон бо гранти давлатӣ қабул шуд. Ба бародараш такя карда, писари дуюмӣ Бобурҷон ҳам ҳар як фанро сари вақт азбар кард. Ба факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи шарқшиносии Тошканд қабул шуд. Ӯ орзу мекард, баъди хатми бакалавриат магистратураро дар Ҷопон идома диҳад. Ба орзуяш расид. Ҳатто дар олимпиадаи Токио тарҷумонӣ низ кард. Бунёдҷон низ аз пайи бародаронаш рафт. Ӯ ҳоло дар Донишкадаи муҳандисию технологии Намангон таҳсил мегирад. Духтарам Марҷона донишҷӯйи факултаи забони русии Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон мебошад. Беҳзодҷон ва Бобурҷон ҳоло соҳиби хонаву дар. Онҳо бо ҳамсаронашон аҳлу тифоқ умр ба сар мебаранд.

Меҳнатдӯстӣ, илмомӯзӣ гарави комёбиҳои бузург мебошад.

**Манзурахон КАРИМОВА,**
**шаҳрванди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Дӯстлики ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**

*Бокс*



# КОМЁБИИ НАВБАТИИ ШАҲРОМ

**Муштзани бухороӣ Шаҳром Ғиёсов ба қарибӣ дар Лас-Вегаси ИМА дар низоми бокси касбӣ дар вазни нав қувваозмоии аввалини худро гузаронд.**

Ин дафъа вай бо рақиби мексикагии худ Кристиан Гомес ба ринг баромад. Муҳорибаи онҳо 10 раунд идома ёфт. Бояд таъкид намуд, ки Шаҳром дар қисмҳои чорум, ҳафтум ва даҳум рақиби худро ба ҳолати нокдаун оварда, болодастӣ кард. Ҳамин тариқ, вай бинобар холҳо ғолиб баромад ва дар вазни 66,6 килограмм – IBF соҳиби камарбанди чемпионати кушоди Амрикои Шимолӣ гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин ғалабаи сездаҳумини Шаҳром дар бокси касбӣ буда, нӯҳтои ин қувваозмоӣ бо накаут анҷом ёфтааст.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Садсола шаведу ҷавон бимонед*

# МАДАДГОРИ ҲАМСАР БУДАН БАХТ АСТ...

Агар ба роҳи ҳаёти ибратпазири симоҳои бузург, инсонҳои машҳур назар андозем, мебинем, ки барои ба камол расидан ва соҳиби обрӯю эътибор гардидани онҳо модар ва ё рафиқи ҳаётиашон нақши муҳим бозидаанд.

Машкурааая Иброҳимова завҷаи Қаҳрамони Ӯзбекистон, арбоби ҷамоатӣ, Артисти халқии СССР Зикир Муҳаммадҷонов мебошад.

Машкурааая дар роҳи пурпечутоби зиндагӣ, барои расидан ба муваффақиятҳои ҳунарпеша, дар тарбияи фарзандон ҳамеша кумакрасон ва такягоҳ буд. Зеро дар паси ҳар як инсони бузург, номдор ва дорои хислатҳои неки инсонӣ зани оқилаву ҷонфидо меистад.

Соли ҷорӣ Машкурааая 100-умин баҳори умри хешро пешвоз гирифт. Ӯ барои дар рӯҳи инсондӯстию халқпарварӣ, садоқат ба Ватан, гиромидошти инсон тарбия намудани насли наврас ба нишони сарисинагии "Мӯътабар аёл" сазовор гардидааст.

– Бо Зикирака моҳи феврали соли 1941 издивоҷ кардем. Баъди 5-6 моҳи хонадоршавӣ ҷанги даҳшатнок сар шуд. Ҳамон вақт Зикирака дар заводи ҳарбии ба номи Чкалов челонгариро омӯхта, дар як шабонарӯз 18 соат кор карда, бо истеҳсоли зарфи сӯзишвории калонҳаҷм машғул буд. Барои сохтани он бояд 12 соат кор мекард. Аммо ӯ вақтро ду баробар кӯтоҳ карда, нақшаи корро барзиёд иҷро мекард. Ӯ ба назари роҳбарон намоён гашта, ҳамчун коргари фаъол шинохта мешавад. Сураташ дар тахтаи пешқадамон ҷой мегирад.

Машкураи наварӯс баҳри таъмини рӯзгор ва дастгирии шавҳар ба фабрикаи бофандагии Тошканд ба кор даромад. Дар қатори як гурӯҳ занону духтарон ба либосдӯзӣ барои фронт машғул шуд.

Оилаи ҷавон ҳамҷиҳат, аҳлу тифоқ, ба ғаму ташвиш ва норасоии зиндагӣ сабру қаноат карда зиндагӣ мекард. Аммо имтиҳони тақдир буд магар, онҳо солҳои тӯлонӣ фарзанддор нашуданд. Худи Машкура дар оилаи падар фарзанди ягона буд.

Соли 1943 падараш ҳангоми ба фронт рафтан бо ҳасрат гуфта буд: "Афсӯс, набераро надида ба ҷанг рафта истодаам. Акнун ӯро ба бағал мегирам ё не..." Падараш башорат карда будааст. Дере нагузашта аз ӯ хати сиёҳ омад...

Бефарзандӣ ба бахти оила соя меафканд, аммо зану шавҳар ноумед намешуданд. Машкура «дасторхони дарду ҳасраташро намекушод», баръакс бо муносибатҳои самимона ва меҳрубониҳои беандозаи худ ба шавҳараш такягоҳ мешуд, умед мебахшид.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ДУРДОНАИ ШАРҚ САМАРҚАНДИ БОСТОНИСТ

***Шумораи дуюми маҷаллаи фарҳангӣ, адабиву илмӣ – "Дурдонаи Шарқ" аз чоп баромад. Маҷалла чӣ мушкилот дорад, дурнамои он чӣ гуна хоҳад буд? Дар ин хусус хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик» Ӯктам ИБРОҲИМ бо сардабири маҷалла, раиси шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар Самарқанд Асадуллоҳ Исмоилзода суҳбат орост, ки пешкаши муштариёни гиромиқадр мегардад.***

**– Аввал бигӯед, ки барои чӣ маҷалла "Дурдонаи Шарқ" номгузорӣ шуд? Дар оинномаи маҷалла чӣ нуктаҳо зикр шудаанд?**

– Нахуст бояд бигӯем, солҳои тӯлонӣ орзу доштем, ки дар ҷумҳурӣ маҷаллаи фарҳангӣ-адабӣ дошта бошем, то аҳли адаби тоҷикро сарҷамъ созад, дурдонаҳои наср ва назми онҳоро ба алоқамандони адабиёт эҳдо кунад. Бубинед, ки орзу дар марҳилаи нави Ӯзбекистони Нав, ки Раисҷумҳури мо як сиёсати навро пиёда кардаанд, ҷомаи амал пӯшид.

Ба мушоҳида мерасад, ки барои рушди фарҳанги миллатҳои мухталиф дар Ӯзбекистон шароити созгор фароҳам оварда шудааст. Мо аз ҳамин имконият истифода бурда тасмим гирифтем, ки чопи маҷалларо роҳандозӣ кунем.

Сари номи он бисёр андешидем, ҳатто дар шабакаҳои Интернет барои номи беҳтарин озмун эълон кардем. Охируламр маҷалла номи "Дурдонаи Шарқ"-ро гирифт. Зеро он дар Самарқанд, ки онро дар саросари ҷаҳон дурдонаи Шарқ мешуморанд, чоп шуда истодааст.

Дар оиннома акс ёфтааст, ки дурдонаҳои насру назми аҳли адаби форсзабонро пешкаши муштариён мекунем. Дар Ӯзбекистон ҳавзаи адабии муқтадири тоҷикӣ ташаккул ёфт. Фурсат расидааст, ки намояндаҳои он ба ҷаҳониён муарифӣ шаванд.

Чуноне ки дар оинномаи маҷалла зикр шудааст, мақсади дувум – тарбияи ҷавонони навқалами тоҷик мебошад. Мо ният дорем, ки барои онҳо як мактаб муҳайё намоем, то ки онҳо аз гузаштаву имрӯзи адабиёт, фарҳанг ва таърихи мардуми мо бохабар бошанд.

Имрӯз агар мо беш аз 250 мактаби тоҷикӣ дошта бошем, дар китобхонаҳои онҳо китобҳои тоҷикӣ хеле каманд ва мо ният дорем, ки ин холигоҳро ҳам пур кунем.

Мо дар шумораи нахустин аз намунаҳои эҷодии қариб сӣ нафар эҷодкорони тоҷик, дар радифи ин кор аз адабиёти Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон намунаҳо овардаем.

**– Рӯшод бояд бигӯем, ки имрӯз мактабҳои тоҷикӣ камшумор гардидаанд, мардуми тоҷики ин диёр маҷаллаву рӯзнома, китобҳоро ба забони модарӣ кам мутолаа мекунанд. Бинобар ин барои чопи маҷалла ҷуръат мебоист, ки аз ҷониби шумо зоҳир гардид. Хуб, агар натиҷагирӣ кунем, чопи нахустини фаслнома бо теъдоди 1550 нусха чиҳоро аён сохт, бобати ба дасти муштариён расондани он чӣ мушкилиҳо ба миён омад?**

– Дар ҳақиқат, чопи маҷалла барои аксарияти тоҷикон иде буд. Мардуми мо интизори чопи ҳамин гуна маҷалла буд ва хонандагони асосии мо аҳли зиё мебошанд. Мо дар ин хусус аз минбарҳо суханронӣ доштем. Буданд онҳое, ки бо ваъдаҳои хушку холӣ домани моро бо чормағзи пуч пур карданд, аммо одамони ҳимматбаландро ҳам дорем. Баъзеҳо барои як сол ба маҷалла обуна шуданд. Алъон ҳастанд онҳое, ки мегӯянд: маҷалла аз ҳисоби ҳомиён, сарпарастон чоп шуд, ҷаро онро фурӯхта истодаед? Бовар кунед, ягон кас пайдо нашуд, ки харҷи маҷалларо ба ӯҳда гирад, лекин буданд онҳое, ки аз мо кумаки моддиро дареғ надоштанд. Масалан, аз Тошканд Мурод Мақсудов миқдоре ба хазинаи мо ирсол карданд. Яке аз тадбиркорони самарқандӣ Фурқат Узоқов ҳам як миқдор пул барои чопи маҷалла дод. Афсӯс, ки ин миқдор 5-10 фоизи хароҷоти табъу нашри маҷалларо ташкил кард, ҳол он ки барои чопи маҷалла 30 миллион сӯм сарф гардид. Хушбахтона, маҷалла бо кумаки қабл аз ҳама аҳли зиё: омӯзгорон, адибон ба дасти хонандагон расид. Дар ин ҷо ҳам мебояд, ки ҳимматбаландии тадбиркоронро зикр намоем. Яке аз вакилони Шӯрои намояндагони ноҳияи Самарқанд Абдуҷаббор Умаров зиёда 100 нусха маҷалларо харида, ба мактабҳо туҳфа кард. Ин ҳам дастгирии як тан зиёӣ аст, ки боиси сарбаландии мо гардид. Аммо баъзе эҷодкорон, ки намунаҳои эҷоди худро дар саҳифаҳои маҷалла надиданд, онро харидорӣ накарданд.

**– Хуб, маҷалла чӣ нақшаҳои эҷодӣ дорад? Ҳаққи қалами муаллифон, маоши ходимон аз кадом ҳисоб пардохта мешаванд?**

– Ин саволест, ки дарди моро ифода мекунад. Вақте ки кори маҷалларо роҳандозӣ мекардем, эҳсос мекардем, ки чопаш як муваффақияти бузург аст. Чунки мо – тоҷикони Ӯзбекистон дар садсолаи охир маҷаллаи фарҳангӣ-адабӣ надоштем. Мақсад аз чопи маҷалла тиҷорат нест. Вақте ки соли 2021 шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ташкил шуд ва маро роҳбар таин карданд, дар пеши худ мақсад гузоштем, ки акнун шуъба фақат ба ном фаъолият накунад, балки он корҳои амалиро ба сомон расонад. Ва барои ҳамин ҳам бо аҳли ҷамоати Самарқанд ва эҷодкоророн машварат оростем. Мо маҷалла ва Хонаи табъу нашри эҷодии «Маҳорат»-ро ташкил кардем. Онҳо то ҳанӯз фаъолият доранд.

Фидоиёни фарҳанги тоҷик буданд, ки ба мо кумак ва дастгирӣ карданд. Мо аз маош умедвор нестем. Мақсад роҳандозии пайвастаи маҷалла мебошад. Аммо бояд рӯшод бигӯем, ки бидуни ҳавасмандгардонии моддӣ кор пеш нарафтанаш мумкин. Барои ҳамин кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки аз ҳисоби ҳомиён, грантҳои давлатӣ, ки ҷудо мешаванд, агар мо дар озмунҳои он ғолиб оем, ба ҳамаи нафароне, ки ба мо мадад мерасонанд, кумаки моддӣ бирасонем.

Раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Сайид ваъда дод, ки як хонаи муҷаҳҳазро ба мо месупорад.

Мусоҳиб
**Ӯктам ИБРОҲИМ.**
*САМАРҚАНД.*

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# АҲЛИ АДАБУ ФАРҲАНГ ДАР ТАҲКИМИ ДӮСТИВУ РАФОҚАТ НАҚШИ МУАССИР ДОРАД,

**— мегӯяд академики тоҷик Кароматулло Олимов**

***Бештар аз панҷ сол аст, ки робитаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ барқарор гардидаву он сол аз сол густариш меёбад. Ин падидаи нек маҳз ба шарофати иродаи сиёсии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омадааст. Ташкили сафарҳои эҷодии олимону журналистон ва боздиди онҳо аз ин ё он кишвар аз намунаи беҳтарини ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳангу иттилоот мебошад. Дар ин замина аъзои як ҳайат аз Тоҷикистон ба шаҳрҳои бостонии Самарқанду Бухоро ташриф оварданд ва бо аҳли адабу фарҳанг ва ҳунари ду шаҳр якчанд дидору мулоқот анҷом доданд.***



– Ин сафари мо сафари одӣ нест, балки ба ин васила мо дар аснои ин сафар ҳаёти дӯстони худро меомӯзем, аз ёдгориҳои таърихиву меъморӣ боздид мекунем, аз таърихи гузашта ибрат мегирем, ёди онҳоеро гиромӣ медорем, ки барои рушду такомули ду кишвари ҳамҷавор заҳмати зиёд кашидаанд, – гуфт дар яке аз мулоқотҳо академик Кароматулло Олимов.

Вай афзуд, ки ба мардуми шарифи Самарқанд бо ҳавас менигарад. Чунки онҳо идомадиҳандагони иқдомоти наҷиби ҳамон ниёконе мебошанд, ки дар гузаштаи дуру наздик неъматҳои бузурги моддӣ, маънавӣ ва фарҳангиро барои наслҳои баъдӣ ба мерос гузоштаанд. Ҳоло ин неъматҳо боиси ифтихори тамоми мардуми Тоҷикистон низ мебошанд.

– Ҷойи ифтихор аст, ки ман шогирди Алоуддин Баҳоваддинов ҳастам. Ин шахсияти бузург маҳз дар шаҳри бостонии Самарқанд зодаву парварда шудааст ва барои ду кишвару мардуми он хидматҳои арзандаву шоиста анҷом додааст. Дар баробари шаҳрҳои Тошканду Самарқанд дар Тоҷикистон низ шогирдони зиёдро тарбия намудааст, ки имрӯз корҳои ӯро идома медиҳанд. Шахсан ман дар назди мардуми Самарқанди бостонӣ қарздорам, барои ҳамин дар ҳақи устод Алоуддин Баҳоваддинов чанд китоб таълиф ва нашр намудам, – изҳор намуд академик.

Кароматулло Олимов мегӯяд, баъзан дар байн сардиҳо меафтанд ва мушкилиҳои зиёд эҷод мешаванд. Чунин ҳолу вазъият дар байни Тоҷикистону Ӯзбекистон низ ба миён омада буд ва он хеле ба сахтиҳо паси сар гардид.

Академики тоҷик ба он нукта боз таъкид варзид, ки ба даст омадани сулҳи тоҷикон танҳо барои мардуми Тоҷикистон не, балки барои мардуми кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим шумурда мешавад ва он дар осори гуногуни таҳлилгарони олам эътироф шудааст.

– Ҷойи шубҳа нест, ки бо омадани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон аз ҳаракатҳои ифротгароиву мазҳабӣ ва террористӣ дар минтақа ҷилавгирӣ шуд. Аммо агар Тоҷикистон ба майдони ҳарбу зарб табдил меёфт, маълум набуд, ки ин раванди ногувор мардуми кишварҳои Осиёи Миёнаро то чӣ андоза ба коми худ мекашид. Маҳз ҳамин маъниро ду сарвари давлати ҳамҷавор ба хубӣ дарк мекунанд ва коре карданд, ки ҳоло мо дар чунин фазои дӯстиву рафоқат ба сар мебарем, – гуфт академик Олимов.

Вай дар мавриди мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстӣ, эҷоди фазои амну ором нақши аҳли фарҳангу адаб, хусусан журналистонро хеле муассир арзёбӣ кард. Барои ҳамин сафари эҷодии кормандони рӯзномаи "Ҷумҳурият" таҳти сарварии сардабири он Қурбоналӣ Раҳмонзода ба Ӯзбекистон барои иҷрои ҳамин рисолат мусоидат хоҳад кард.

Дидору мулоқотҳои меҳмонони тоҷикистонӣ дар шаҳри Бухорои шариф аз боздиди мақбараи асосгузори давлати Сомониён – Исмоили Сомонӣ шурӯъ шуд. Баъд онҳо аз ҷойҳои таърихиву меъмории ин шаҳри куҳан боздид намуданд. Дар нимаи рӯзи дувуми сафари эҷодӣ ба Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷику форси вилояти Бухоро ташриф оварданд.

– Мо аз ташрифи шумо хеле сарфарозем. Ин гуна дидору мулоқотҳо бояд ҳарчи бештар роҳандозӣ шаванд, зеро дӯстии мо оҳиста ба меҳру муҳаббат ва шафқат табдил хоҳад ёфт. Мо аз азал дӯсту бародарем ва ин рисолати некро бо камоли эҳтиром ва арҷгузорӣ идома хоҳем дод, – гуфт раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷику форс Рауф Авезов.

– Ҳамроҳи мо як гурӯҳ рӯзноманигорони ҷавон низ омадаанд. Аксари онҳо бори нахуст ба шаҳрҳои Самарқанд ва Бухорои Шариф омадаанд. Бо итминон гуфта метавонам, ки онҳо анъанаҳои неки ниёкони моро бо эҳсоси масъулият идома медиҳанд, – қайд намуд ходими намоёни давлатӣ М.Асрорӣ.

Дар мулоқот як гурӯҳ омӯзгорон низ иштирок доштанд.

– Ман Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи устод Айниро хатм кардаам. Солҳои зиёд дар мактаби деҳаам аз забон ва адабиёти тоҷик ба насли наврас сабақ додаам. Аз барқарории муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон хеле шоду масрурам. Зеро он орзуву ормонҳои моро бароварда месозад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбирони "Овози тоҷик".**
*БУХОРО.*

# РАҲНАМОИ ТАЪЛИМ




Маҷмӯаи "Раҳнамои таълим" барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик дастурламалест, ки онҳо дар ҷараёни дарс истифода баранд. Маҷмӯа натиҷаи таҷрибаҳои чандсолаи муаллим Ҳотамалӣ Раҳматов мебошад. Аксар маводи он дар доираи дарсҳои алоҳида санҷида шудааст. Муаллиф сари ҳар як мавзӯъ хеле дақиқназарона истода, барои ба хонанда ва омӯзгор расондани маълумоти мавриди зарурӣ заҳмати зиёд бурдааст.

– "Раҳнамои таълим" ном гузоштани дастури таълимӣ низ бесабаб нест. Зеро, ҳар як маводи пешниҳодшуда дар хусуси усул ва методи омӯзиши ягон мавзӯи дарсӣ ё роҳҳои навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ маълумот медиҳад, – мегӯяд дар сарсухан устоди Донишкадаи омӯзгории Чирчиқ Ҳикмат Султонзода.

Маҷмӯаи омӯзишию таълимӣ аз ҳар ҷиҳат хонданибоб буда, барои шахси худогоҳ дастури арзишманд аст.

**Асалой САРХАТЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

# АГАР МОДАРОН САЛОМАТ БОШАНД....

***Доктори илми тиб, профессор Баҳодур Неъматҷонов соли 1962 дар шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби ҳамагонии рақами 9-уми шаҳр соли 1979 донишҷӯи Донишкадаи тиббии Самарқанд гардида, соли 1985 онро хатм кард. Солҳои 1985-1987 дар ординатураи клиникии донишкадаи мазкур таҳсил гирифт. Солҳои 1988-1991 аспирантура ва бозомӯзиро дар шаҳри Самарқанд гузашта, рисолаи номзадиро дар ҳамон ҷо дифоъ намуд. Соли 1993 рисолаи доктириро бомуваффақият ҳимоя намуда, аз соли 1995 то имрӯз вазифаи мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологияи Донишкадаи тиббии Самарқандро ба ӯҳда дорад. Қариб 300 мақолаи вай дар матбуоти хориҷа ба табъ расидаанд. Муаллифи зиёда аз 18 дастури услубӣ барои табибон аст. Инчунин, соҳиби 8 ихтироъ, 20 пешниҳоди ратсионализаторӣ мебошад.***

***Таҳти роҳбарии профессор Баҳодур НЕЪМАТҶОНОВ 4 нафар ходими тиб рисолаи номзадӣ ва як нафар рисолаи докторӣ ҳимоя кардаанд.***

**– Баҳодур Болтаевич, биёед, суҳбатро аз суоли анъанавӣ оғоз кунем. Дар солҳои охир аҳли кафедраи акушерӣ ва гинекология чӣ корҳоро анҷом доданд?**

– Мебояд таъкид кард, ки дар Ӯзбекистон модели миллии тандурустӣ тарҳрезӣ шудааст, ки шиори вай «Модари солим – кӯдаки солим» мебошад. Бино ба ҳамин тамоюл мо бисёр корҳоро анҷом додем. Ҳама тадбирҳои андешидаи мо барои солимгардонии занҳои синни таваллуд буда, ба субут расонда шуданд. Маълум аст, ки танҳо модари солим кӯдаки солимро ба дунё меоварад. Мо дар шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Самарқанд шудем. Дар мулоқотҳо маҳз дар ҳамин мавзӯъ маърӯзаҳо хондем. Онҳо ба маърифатомӯзии занҳои синну соли таваллуд равона карда шудаанд.

**– Бигӯед, ки кадом бемориҳо дар миёни занон бештар ба назар мерасанд?**

– Ин қабл аз ҳама анемия – камхунӣ аст.

**– Ин беморӣ чӣ гуна ба вуҷуд меояд?**

– Сабабҳояш аз хӯроккхӯрӣ ва тарзи зиндагии нодуруст ва менталитети халқи мо бармеоянд. Мо дар маърӯзаҳоямон такрор ба такрор талқин кардаем, ки занҳо мебояд ба тартиби дурусти хӯроккхӯрӣ риоя намоянд. Дар таркиби хӯрок бояд ҳатман витамину микроэлементҳо бошанд.

**– Шумо ба ҳайси як мутахассиси варзидаи гинекология ба занҳои ҳомила чӣ маслиҳатҳо медиҳед?**

– Нуктаеро таъкид мекунам: синну соли муайяни тавлиди тифл ҳаст. Ин ҳам бошад, тақрибан аз 20 то 30-солагӣ аст. Дар ин фосилаи вақт занҳо ду ё се фарзандро ба дунё меоранд. Фосила аз як зоиш то дигараш бояд се-чаҳор сол бошад.

Дар замони начандон пеш гоҳо занҳо то 10-11 тифлро ба дунё меоварданд, ҳатто ба чунин занҳо унвони «Модари қаҳрамон»-ро медоданд. Ин амал тақдир мегардид. Аз назари мо – аҳли тиб ин амал нодуруст буд. Ба андешаи мо якто зан ду-се тифлро ба дунё орад, кифоя аст. Зеро тавлидкуниҳои пайи ҳам ва зиёд саломатии занро заиф хоҳад кард. Ба ҷомеа кӯдакҳои ҳамаҷониба солим лозиманд. Мо ба бонувон талқин мекунем, ки зоишҳои паи ҳам нерӯи ҷисмониро заиф мегардонад ва чунин иқдом паёмади нохуш ва ногувор дорад. Аз ин рӯ, ду ё се фарзандро ба дунё оварда, ба онҳо таълиму тарбияи хуб додан кофист.

**– Дар хусуси бемориҳои занон бо рақаму санадҳо ҳарф мезадед...**

– Фактҳо бисёранд. Аз ин панҷ-даҳ сол пеш аксари занҳо аз хунравии барзиёд ҳангоми таваллуд аз олам мегузаштанд. Ҳозир сиёсате пиёда шудааст, ки тибқи он амнияти модаршавӣ ва тавлиди кӯдак боздошта мешавад. Ӯзбекистон аз нахустинҳо шуда барномаи Созмони ҷаҳонии тандурустиро қабул кард, ки ҳоло он ба ҳаёт татбиқ карда мешавад.

**– Мо – рӯзноманигорон дар хусуси оқибатҳои зану шавҳаршавии хешу табор бисёр навиштаем. Аммо то ҳол натиҷа кам аст. Шумо дар ҳамин хусус чӣ андешаҳо доред?**

– Чунин падида, ки решаҳояш амиқ аст, муаммои калон мебошад. Тибқи қонунгузорӣ чунин никоҳро манъ кардан лозим. Пас аз зану шавҳаршавии хешу табор агар зан ҳомила шавад, он ҳанӯз дар батни модар инкишофи аномалӣ мегирад. Дар натиҷа эҳтимол ҳаст, ки кӯдак бо айбу нуқс, маъюбу маслуқ ба дунё ояд. Ин падида паёмадҳои нохуш дошта, гоҳо ранги фоҷиавиро мегирад ва он бештар дар деҳот ба мушоҳида мерасад.

Мо маротибаҳои зиёд дар миёни мардум будем, дар ҳамин мавзӯъ маърӯзаҳо хондем. Ба андешаи мо, мебояд, ки дар Кодекси оила ҳамин нукта зикр шуда, чунин никоҳҳо мамнӯъ эълон карда шавад, дар он сурат натиҷаи назаррасро соҳиб шудан мумкин аст.

**– Безурриётӣ ҳам дар мард ва ҳам дар зан буданаш мумкин аст. Бигӯед, ки вай чӣ гуна ба вуҷуд меояд ва оё безурриётиро табобат кардан мумкин аст?**

– Безурриётӣ як масъалаи калони иҷтимоист. Сабаби асосии он илтиҳоби узви таносул аз инфексияи бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятёфта мебошад. Ҳозир гирифторшавӣ ба чунин инфексия зиёд шудааст. Роҳи амниятёбӣ аз чунин инфексия чӣ гуна аст? Барои ин на фақат зан, балки мардро ҳам табобат кардан лозим аст. Мардро табиби уролог, ё андролог, занро гинеколог табобат мекунад.

Безурриётӣ дар сурати генетикӣ будани он табобатшаванда аст. Дар миёни зану шавҳар меҳру муҳаббат бошад,ин бемориро табобат кардан мумкин аст. Дар навбати аввал илтиҳоби узвҳои таносулро барҳам задан лозим. Имрӯз ин масъалаи рӯзмарра барои боздоштани саломатии репродуктивии ҷавонон, наврӯзгорон мебошад.

Дар Маркази тиббии бисёрсоҳаи бачагона мо дар ҳамкорӣ ва ҳамдастӣ шуъбаи гинекологии наврасонро кушодем. Вай дар амал маркази ягона дар ҷумҳурӣ аст.

**– Қобили тазаккур аст, ки муаммои модаршавӣ бо айёми кӯдакии духтарон амиқ вобаста аст. Модарҳои ояндаро аз гаҳвора сар карда, эҳтиёт бояд кард. Духтарбача ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам зеҳнӣ нозуктар аст. Сад таассуф, ки мардуми мо ба духтарбачаҳо эътибор намедиҳанд. Агар кӯдак писар таваллуд шавад, гӯсфанд мекушанд, мардумро зиёфат медиҳанд. Чунин падидаи зиндагӣ на танҳо дар мо, балки дар Машриқзамин ҳукми анъанаро гирифтааст.**

– Ин аз менталитети мардуми мо ҳам бармеояд. Агар фарзанд писар бошаду саҳл сараш дард кунад, даррав ба духтур мебаранд. Чунин муносибатро ба духтар ҳам муносиб бояд дид. Нигоҳубин, таълиму тарбияи писарон ва духтарон як хел шуданаш лозим аст. Ин гендер, яъне як хел гуфтан аст.

Дар шуъбаи зикрёфта бошад, 15 кати беморӣ ҳаст. Дар миёни духтарбачаҳо аномалия бисёр мушоҳида мешаванд. Инро барои чӣ гуфта истодаем? Аксарияти падару модарони духтарбачаҳо бо ҳам муносибатҳои хешу таборӣ доранд. Дар аксари фарзандони волидайни хешу табор иллатро мушоҳида кардаем.

**– Аз падару модарон боз кадом бемориҳо аз тариқи ирсият ба фарзандон мегузаранд?**

– Барои ин дар Самарқанд Маркази скрининг ҳаст. Дар ҳамон ҷо тадқиқи хоссаи генетикӣ гузаронда мешавад. Кори мо бошад, табобат кардан аст.

Мусоҳиб **Ӯктам ИБРОҲИМ.**

*САМАРҚАНД.*

*Ҳикояҳои пандомез*

## ГУЛДАСТА БАРОИ МОДАР

Марде дар пеши дӯкони гулфурӯшӣ истод. Ӯ мехост гулдастаеро барои модараш, ки дар деҳаи дурдаст зиндагӣ мекард, харида фиристонад.

Ҳангоми аз дӯкон баромадан, ҷавондухтареро дид, ки дар канори роҳ нишаста, гиря мекард. Мард пеши духтар рафта пурсид:

– Духтарам, чаро гиря мекунӣ?

– Мехостам барои модарам як даста гул харам, вале пулам кам аст.

Мард хандиду гуфт:

– Ҳамроҳам биё, ман барои ту як даста гули зебо мехарам. Онро ба модарат бубар.

Вақте ки аз дӯкони гулфурӯшӣ мебаромаданд, духтар гулдастаро дар дасташ гирифту, бо хушҳолӣ гуфт:

– Раҳмат ба шумо.

– Намеарзад. Агар хоҳӣ туро то хонаи модарат мебарам, – гуфт мард.

– Не, ташаккур ба шумо. То қабри модарам роҳ дур нест! – гуфту рафт.

Мард ҳарфе гуфта натавонист. Чизе гулӯяшро фишурд. Тоқат накарда, ба дӯкони гул баргашт ва гулдастаи беҳтаринеро гирифта, роҳи деҳаро, ки садҳо километр дур аз шаҳр буд, пеш гирифт то худаш онро ба модараш бубарад.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

## ҶАВОБИ ПИРАМАРД

Аз пирамард пурсиданд:

– Чаро занҳо ба осонӣ ва бидуни ангеза гиря мекунанд?

Пирамард андаке таваққуф карду гуфт:

Ҳангоме ки Худованд занро офарид, шонаҳои вайро нерӯманд ва мустаҳкам сохт, то битавонад ҳама ҷаҳонро ба дӯш бардорад, то ҳама ҷаҳон рӯйи он шонаҳо ором гирад. Оғӯшашро гаҳвора сохт, то ҷаҳон дар оғӯшаш бузург шавад. Ба вай сабри дарунӣ ва тани нерӯманд дод, то ҳангоми таваллуд дардро таҳаммул кунад. Ба вай умед дод, то ҳангоме ки ҳама ноумед шуданд, ба роҳ идома диҳад. Худо занро аз устухони синаи мард офарид, то сипаре ба дили мард шавад, ба вай отифа дод, то хонаводаашро нигаҳдорӣ кунад. Ба вай сабри бузурге дод, то дар ҳар ҳангом аз фарзандонаш нигоҳдорӣ кунад, ҳатто агар худаш бемор буд ва саранҷоми Худо ба вай ашк барои резондан дод. Ин ашкҳо аз вай аст ва моли худи ӯст ва ҳар ҷое, ки зарурат шуд, беихтиёр, бе ангеза, бе далел ва бе тавзеҳ аз он кор мегирад.

Ва барои мард дасте офарид, то он ашкро аз рухсори вай пок кунад.

Пирамард ба идомаи суханон гуфт:

– Бубин писар!

Зебоии зан дар тарзи ҷомапӯшӣ ё дар ҳинобандӣ ё бо тарзи бастани мӯйҳои вай нест. Зебоии вай дар чашмҳои вай нуҳуфтааст, чун чашмҳои вай дарвозаи вурудӣ ба дили ӯст ва дили ӯ ҷоест, ки ишқаш дар ҳамон ҷо хона кардааст.

Мард мавҷуди дурбину ояндангар ва зан мавҷудест аниқу дурандеши ҷаҳон.



## ЛАТИФАҲО

### Як андак чаптар...

Шахсе ба назди раиси ҷамъияти шаҳрвандон бо шикоят омад.

— Расвоӣ! Чора бинед! Ҳар бегоҳ дар назди тирезаи хонае, ки рӯ ба рӯйи хонаи ман қарор дорад, зане либосҳояшро мекашад. Ин беҳаёист!

Бегоҳ раис ба хонаи ӯ омад ва ба тирезаи хонаи муқобил нигоҳ карду гуфт:

— Куҷост он зан, ҳеҷ касро намебинам?

— Шумо ба чаптар нигоҳ кунед.

— Касе наменамояд.

— Истед, ба болои шкаф бароед.

— Бо вуҷуди ин касеро намебинам.

— Ба тарафи чап як андаки дигар хам шавед.

Раис хам шуда буд, ки аз болои шкаф ба рӯйи фарш афтид.

Соҳиби хона:

— Мана, ҳар бегоҳ аҳвол ҳамин!

### Ман ҳам задам

Зан ба хонаи травматолог даромада шикоят кард:

— Духтур, вақте хонаро тоза мекардам, барқи чангкашак зад.

— Пас, чаро поятон докапеч аст?

— Ман ҳам онро задам.

### Чашмҳоятро пӯш

Ду зан савори мошин мерафтанд. Яке аз дигараш хоҳиш кард:

— Мошинро оҳистатар ронӣ намешавад, ба садама дучор шуданамон аз эҳтимол дур нест.

— Ту ҳам мисли ман чашмонатро пӯшӣ, олам гулистон!

### Узрпурсӣ

Духтаре нафареро сабук бо мошинаш зад. Он нафар гуфт:

— Мошинро дуруст ронед, намешавад? Дирӯз низ бо ман бархӯрд карда будед.

— Бубахшед, ман шуморо нашинохтаам.

### Об дар карбюратор

Зан ба шавҳараш занг зад:

— Азизам, аз афташ, мошини мо вайрон шуд.

— Чаро чунин фикр мекунӣ?

— Дар карбюратораш об мегардад.

— Ту ба ин бовар дорӣ?

— Чӣ хел бовар накунам, вақте мошин дар қаъри дарё аст?

### Ҳар ду аҳмақед

Зан:

— Аҳмақ набошам, бо ту издивоҷ мекунам?

Шавҳар:

— Мани аҳмақ чаро туро ба занӣ гирифтам?

Писар:

— Пас, ҳар ду аҳмақед, вале оё мехоҳед, ки ман дар оянда инсони хуб бошам?

### Оё дақиқтар гуфта метавонед?

— Арақ дар оила сарчашмаи ҳамаи бадбахтиҳост, — гуфт дар баромадаш лектор. — Мо шоҳиди бисёр ҳодисаҳо гардидаем, ки зан, барои он, ки шавҳараш майзада аст, ӯро тарк гуфтааст.

Кадоме аз нишастагон садо баланд кард:

— Оё дақиқтар гуфта метавонед: барои он, ки зан шавҳарро тарк намояд, вай бояд чӣ қадар арақ нӯшад?

### Ҷавоби падар

Писар:

— Падар, оё мардон дар он дунё ба дӯзах меафтанд?

Падар:

— Бале, танҳо мардони хонадорнашуда.

— Мардони зандор-чӣ?

— Дӯзахи мардони зандор дар ин дунёст.

Аз забони русӣ тарҷума ва таҳияи **КОМРОН.**

## МАДАДГОРИ ҲАМСАР БУДАН БАХТ АСТ...

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ва ниҳоят охири «шаби сияҳи онҳо сафед гардид». Офаридгор баъди ҳафт сол ба онҳо писар дод. Пайи ҳам боз писар ва баъд духтарчае ба дунё омад. Аммо он дахтарча, ки Фирӯза номидаанд, дар панҷсолагӣ вафот кард, ки то ҳол дар дили Машкураая ин доғ мондааст.

Ҳамин тариқ, хонаводаи Муҳаммадҷоновҳо панҷ писарро ба воя расонд. Зикир Муҳаммадҷонов бошад, чӣ дар кино ва чӣ дар саҳнаи театр дар давоми беш аз 70 сол зиёда аз 300 нақшро офарид, ки аз қалби тамошобинон ҷойи муносиб гирифтааст. Барои актёре, ки дар рушду равнақи санъати театру кино чунин корҳои бузургро анҷом диҳад, бояд аз ташвишҳои рӯзгор холӣ бошад. Машкурааяи зукко аз шумори заноне буд, ки иқтидори беандозаи шавҳарашро пай мебурд ва аз ин сабаб ҳамаи вазниниҳои зиндагиро ба ӯҳда гирифт, шавҳарашро аз «майда-чуйда»-и рӯзгор озод кард.

Зикир Муҳаммадҷонов ҳамеша бо тану бари тозаву озода, сипову ороста мегашт. Ба кор сари вақт меомад, ки дар ин бобат хидматҳои Машкураая бениҳоя буд. Пайваста таълиму тарбияи панҷ нафар писар, ки ин низ заҳмати бисёрро талаб мекард, ба зиммаи ин зани донову тавоно буд.

Онҳо дар давоми 72 сол аҳлу тифоқ зиндагӣ карданд.

– Модар будан унвони олӣ, – мегӯяд писари момо, доктори фанҳои ҳуқуқ Амонулло Муҳаммадҷонов. – Модар тимсоли вафо, садоқат, муҳаббат ва офарандаи насл аст. Бачагиамро ба хотир меорам. Модарам гоҳ дар сари оташдон, гоҳ дар назди танӯр барои мо ғизо омода мекард, дар даст сӯзану ришта либос медӯхт, даридаҳоро дарбеҳ мекард. Дар ҳавлӣ зиндагӣ мекардем. Вақти холӣ надоштем. Баъди дарс дар замини рӯйи ҳавлӣ бо киштукор, каландзанию алафдаравӣ, бузу гӯсфанд, мурғпарварӣ машғул мешудем. Модарам дӯзандаи моҳир буд. Либосҳоямонро худаш медӯхт. Дар оила, ки духтар набуд, дар ҷомашӯиву хонарӯбӣ ва дигар корҳо кӯмакрасони модарам будем.



Вақте бо бародарам дар Маскав мехондем, модарам нону кулча ва фатирҳои равғанӣ мефиристод. Онҳоро ба чашм молида, бо як меҳри беандоза тановул мекардем.

Шоир фармудааст:

*Ҳар дуоят чун калиди*
*қуфли матлаб будааст,*
*Кори ту, рафтори ту ноёб*
*мактаб будааст.*
*Бӯсаат аз қути ҷону дил*
*лаболаб будааст,*
*Будаӣ худ раҳнамою*
*даркушое, модарам,*
*Дастгирам будаӣ дар ҳар*
*куҷое, модарам...*

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**Н.НОДИРОВА,**
**хабарнигорони**
**“Овози тоҷик”.**

## БАРАКАТ — ДАР МУҲАББАТ

Дили занро нашиканед, чун Худованд ҳар қатраи ашки ӯро хоҳад шуморид. Шавҳари ҳақиқӣ онест, ки дар дили ҳамсар ба ҷойи дард муҳаббат ҷо мекунад, ба ҷойи шаппотӣ шафқат ҷо мекунад, ба ҷойи ашки чашм ишқи самимӣ мебахшад.

Қадру қимати зан дар ислом: вақти таваллуд ба падараш дари ҷаннатро мекушояд, вақти издивоҷ нисфи имони шавҳарашро пурра мекунад ва вақти модар шудан, ҷаннат зери пояш мегардад.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.) фармудааст: Худованд бараkоти ризқи оиларо дар муҳаббати зану шавҳар ниҳон кардааст...

## ВАЗНИ РАВҒАН ВА ШАКАР

Бевазане барои таъмини рӯзгор ба дӯкон равғани зард мебурд. Дӯкондор ҳар дафъа равғанро барнакашида пулашро медод. Ҳамин тавр муддати зиёде гузашт. Рӯзе гӯё чизе ба сари дӯкондор омад ва ӯ равғани занро бар тарозу гузошта баркашид. Вақте дид, равған на 1 кг., балки 900 грамм буд, ба хашм омада ба зан дод зад: «Чаро маро фиреб медиҳӣ? Равғани ту 900 грамм аст! Оё аз Худо наметарсӣ?»

Рӯйи зан аз хиҷолат сурх шуду оҳиста гуфт: «Хоҷа, дар хонаи ман тарозу нест. Ман вазни равғанро бо вазни шакари аз шумо харидаам чен мекунам».

Таҳияи
**Навбаҳор**
**ҲАМРОҚУЛОВА.**



– Хуршеда аз зумраи кормандони содиқ ба касбу вазифааш маҳсуб меёбад, ки бо заҳмату фидокории ӯ таҳияи ҳуҷҷатҳо, қабулу гусели меҳмонону мизбонон ба дараҷаи аъло сурат мегирад, – гуфт сарвари таълимгоҳ Дилсора Юсуфова. – Шахсан ман ва ҷамоаи беш аз 120-нафараи мактаб ба рамузфаҳмӣ, ҳозирҷавобӣ ва алалхусус ширинзабонии вай қоил ҳастем. Ин бонуи меҳрубону хоксор кумаки хешро аз ҳеҷ кас дареғ намедорад. Боз як хислати аҷибаш – гулпарварист. Дар қабулхона ва утоқи кории ман гулҳо тобистону зимистон нашъунамо дошта, аз бӯйи хуши онҳо табъ болида мегардад. Аз ҳама муҳимаш, таи солҳо боре ҳам нашудааст, ки бо айби котиба омода ва чоп кардани қарору фармонҳо ба таъхир афтода ва ё ба хатоӣ роҳ дода бошад.

*Кори неку номи нек*

## ХУРШЕДАИ ГУЛПАРВАРУ ХУШДИЛ

***Қариб бист сол боз бонуи тозакору дақиқназар, хушрафтору хушгуфтор Хуршеда Шарифова дар мактаби таълими умумии рақами 16-уми деҳаи Ӯрташайхи ноҳияи Самарқанд нахуст чун котиба, ҳоло ба ҳайси менеҷер доир ба кадрҳо адои вазифа мекунад. Ҳар як шахсе, ки ба мактаб ё назди мудири таълимгоҳ ояд, бо чеҳраи кушод, табассуми ширин истиқбол гирифта, кӯшиш ба харҷ медиҳад, то муаммои эшонро зуд ҳал намояд. Шояд аз ҳамин сабаб, ҷамоаи мактаб, толибилмону волидайн ӯро эҳтиром мекунанд.***

Воқеан, Хуршедабону соли 2005 ҳамин мактабро хатм карду ба шуъбаи ғоибонаи коллеҷи педагогии Сиёби шаҳри Самарқанд дохил шуд. Фаъолияти меҳнатиро маҳз дар ҳамин ҷо ҳамчун котиба оғоз намуд.

– Мактаб ба хонаи дуюмам табдил ёфтааст, – бо завқ хандида мегӯяд Хуршедабону. – Бароям ҳам ҷамоа, ҳам толибилмон соҳибэҳтирому бақадранд. Солҳои таҳсил чанд байт аз устод Садриддин Айнӣ аз ёд карда будам, ки чунин мисраъҳо дошт:

*Мактаб ба ту ёд медиҳад*
*илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад ғаму*
*ранҷу тааб.*

Ҳақ бар ҷониби устод аст, ки сухани дилро навиштаанд. Сонӣ, боз таъкид кардан ҷоиз, ки вақти холӣ асарҳои адибони дӯстдоштаи худро варақ мезанам, ки ба қавли аллома Ҷомӣ «Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест».

Хуршеда, инчунин модари ду фарзанд буда, писарҳояш Муҳиддину Аслиддин таълиму тарбияи нек мегиранд. Ҳамсараш Мирзоҳасан Тӯрақулов ҳунарманд аст. Ҳар ду аробаи зиндагиро якҷоя пеш мебаранд.

Оре, инсон барои фаъолияти оқилона ба дунё омадааст ва мақсад аз зиндагӣ ба халқу Ватан фидокорона меҳнат кардан бояд бошад. Ва ба ҳар як шахс аз рӯйи кораш баҳо медиҳанд. Зеро ҳайкалро намуду инсонро фаъолияташ зеб медиҳад. Хуршедаи хушдил ҳам бо вазифаи хоксорона, оддӣ, соҳиби эҳтиром шудааст, ки барои кори ҳалолу пок чанд маротиба аз ҷониби шуъбаи таълими халқи ноҳия ва кумитаи духтарон бо ифтихорномаву туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардидааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**


*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4817 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2. 1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.